# 13 08 2019

Дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон бо чалби сохтору макомоти давлатии ин гарнизон чамъомади мудофиаи худудӣ, машгулиятхои омодагии сафарбарӣ ва мачмӯи машкхои муштараки амалиётӣ-стратегии зиддитеррористӣ тибки накшаи тасдикнамудаи Асосгузори сулху Вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, генерали артиш, Эмомалӣ Рахмон ва дар доираи баргузории мачмӯи чорабинихои асосии Куввахои Мусаллах барои соли 2019 пешбинӣ гардидааст, дар 3 мархила ташкилу ба рох монда мешавад.

Дар баробари иштироки сохтору макомоти давлативу кудратии Точикистон дар ин гарнизон, инчунин дар ин машкхои муштарак чузъу томхои Артиши Озодихохи Халкии Чин низ бо техникаву лавозимоти харбӣ дар он чалб мегарданд. Илова бар ин, дар доираи баргузории машгулиятхои омодагии сафарбарӣ ва мудофиаи худудӣ дар гарнизони Хоруг ситоди муштараки идории кӯшунхо ташкил гардида, раисони шахру нохияхои ин минтака захирахои эхтиётии даъватшавандагон дар он чалб карда шуданд. Хамзамон, техникахои хочагии халк ва умуман лавозимоте, ки барои чорабинии мухими низомӣ заруранд, истифода мегарданд.

Дар ин машкхо дар баробари чалби хайати шахсии ин гарнизон, инчунин тамоми размгоххои худуди  Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон ба майдони шартии нохияи Шугнон машкхои муштараки баталиёни тактикӣ доир карда мешаванд, ки дар он техникахои вазнини зирехпӯши чангию артиллерӣ, чархболхои харбии МИ-8 ва МИ- 24, техникахои гуногуни автомобилӣ ва дигар силоху мухиммоти мухталифи чангӣ истифода мегарданд.Чараёни баргузории тамоми амалиёти пешбинишуда аз чониби Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон идора гардида, он тахти назорати катъии вазири мудофиаи кишвар Шералӣ Мирзо чараён мегирад.

Хадафи баргузории ин чорабинии муштараки низомӣ дар гарнизони Хоруг ин сайкал додани хамохангӣ ва тачрибаи хайати шахсии сохторхои низомии мамлакат дар ташкили амалиёти бомуввафаконаи чангӣ, вусъат додани кувва ва воситахои минтакаи мудофиаи худудӣ, баланд бардоштани омодагии рӯхию равонӣ, кобилияти чангию чисмонӣ ва сафарбарии кӯшунхо дар самти доир кардани унсурхои мухталифи зиддитеррористиро дар минтакахои масъулиятноки сархадӣ, шароити дашту сахро ва кӯхистони худуди чумхурӣ дар бар мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки мархилаи нихоии машкхои муштараки амалиётӣ-стратегии чузъу томхои Чумхурии Точикистону Артиши Озодихохи Халкии Чин бо тирпарронии чангӣ рӯзи 14-уми августи соли 2019 дар машкгохи харбии Челондии Худуди нохияи Шугнон, ки дар баландии 3500 метр аз сатхи бахр карор дорад, бо истифодаи авиатсияи чангӣ ва дигар лавозимоти чангӣ чамъбаст ва натичагирӣ карда мешавад.

подполковник  Ориф НОЗИМИЁН,

сардори Маркази матбуоти

Вазорати мудофиаи  Чумхурии Точикистон